**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**АКАДЕМИЯ**

**ЛЕКСИЯ**

# Аз фаннӣ ҳуқуқи гражданӣ.

## Мавзӯи №11: Шартномаи консессия (имтиёз) - и тиҷоратӣ.

**вақт 3- соат:**
**лексия 2-соат:**
**семинар 1-соат:**

**Дар ҷаласcаи кафедраи фанҳои хуқуқи гражданӣ муҳокима ва тасдиқ карда шуд.**
**Протоколи № ____ аз________________сол**

**Душанбе – 2020**

.

**Нақшаи кор:**

1. **Мафҳум ва элементҳои шартномаи консессия.**
2. **Мазмуни шартномаи консессия.**
3. **Ҷавобгарӣ аз рӯи шартномаи консессияи тиҷоратӣ.**

**Адабиётҳо**


1. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.10.1994
2. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми қ. 1(Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор
3. М.А.Маҳмудов). – Душанбе: «ЭР-граф», 2007
4. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми 2 (Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А.Маҳмудов). – Душанбе: «ЭР-граф», 2007
5. Муртазоқулов Ҷ.С. Ҳуқуқи гражданӣ (Маҷмӯаи масъалаҳо дар ду қисм), қисми 2. – Душанбе, 2008
6. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон қ. I- аз 30 -уми – уми июни соли 1999
7. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон қ. II аз11 - уми моҳи декабри соли 1999
8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 3- ум аз 1 – уми марти 2005 – ум сол
9. Коментарий к гражданскому кодексу РФ часть I Москва 1998г.
10. Коментарий к гражданскому кодексу РФ часть II Москва 1998г.

**ҶС.1. Мафҳум ва элеменҳои шартномаи консессия.**

**Тибқи шартномаи консепсияи тиҷоратӣ як тараф (дорандаи ҳуқуқ) ӯҳдадор мешавад, ки ба тарафи дигар (истифодабаранда) бо пардохти подошпулӣ барои мӯҳлати муайян ё бидуни зикри мӯҳлат барои фаъолияти тиҷоратии истифодабаранда маҷмӯи ҳуқуқҳои мустаснои барои истифода тааллуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқи номи фирмавӣ ва ё аломати тиҷоратии дорандаи ҳуқуқ ба итилооти ҳифзшавандаи тиҷоратӣ инчунин ба дигар объектҳои ҳуқуқӣ мустасноӣ дар шартнома пешбинишуда тамғаи мол, тамғаи хизматрасонӣ ва ғайраро диҳад (б.1 м. 985 КГ)**.

**Шартномаи консессияи тичҷоратӣ консенсуалӣ, дутарафа ва музднок мебошад**.Шартномаи консессияи тиҷоратӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди қабули қисми дуюми кодекси нави гражданӣ ба танзим дароварда шуд. Чунин фаъолият дар мамлакатҳои иқтисоди бозаргониашон инкишофёфта васеъ паҳн шудааст ва дар он кишварҳо консессияи тиҷоратӣ ба номи «Франчайзинг» маълум аст.Франчайзинг ҳамчун намуди махсуси шартнома дар асри XIX пайдо шуда баъд дар тамоми ҷаҳон паҳн шуд. Таъиноти асосии вай аз он иборат буд, ки таъсири ҷамъиятҳои тиҷоратии истеҳсолӣ, савдо, хизматрасонӣ ва дигар ҷамъиятҳои тиҷоратиро дар чунин соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар онҳо филиалҳо ва ширкатҳои фаръӣ камдаромаданд паҳн намоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло франчайзинг асосан аз тарафи соҳибкорони хориҷӣ истифода бурда мешавад. Сабаби чунин ҳолат он аст, ки дар мо соҳибкороне, ки номи фирмавӣ, аломатҳои пулӣ ва дигар воситаҳои фардикунониашон ҳамчун арзиши баҳо ба даст даровварда шавад мавҷуд нест. Барои он,ки вазъият тағйир ёбад, вақти зиёд лозим аст. Бинобар ин институти консессияи тиҷоратӣ ба ҳисоби оянда ташкил карда шудааст, ҳоло бошад вай асосан ба ширкатҳои хориҷӣ, ки дар бозори Тоҷикистон маскун шудаанд, хизмат мекунанд.**Мақсади консессияи тиҷоратӣ ёри расонидан барои ба бозор баровардани мол (кор хизматҳо), ки дар дорандаи ҳуқуқ истеҳсол кардааст (мефурӯшад) мебошад..Ба элементҳои шартномаи консессияи тиҷоратӣ тарафҳои он (дорандаи ҳуқуқ) ва истифодабаранда, предмет, нарх, мӯҳлат шакл ва мазмун мансубанд.Дорандаи ҳуқуқ шахсе мебошад, ки дорои ҳуқуқҳои мустано буда, вай истифодабарии онҳоро ба истифодабаранда иҷозат медиҳад. Вай бояд қонунан дорандаи ин ҳуқуқҳо ба расмият даровварда шавад. Дорандаи ҳуқуқ бояд соҳибкор бошад (б.3 м. 985 КГ).Ин чунин маъно дорад, ки вай ҳуқуқҳои мустаснои тааллуқдоштаро дар рафти фаъолияти тиҷорати истифода менамояд.** Истифодабаранда шахсест, ки имконияти истифодаи ҳуқуқҳои мустасноро ба даст мерад. Вай низ дар вақти бастани шартномаи консессияи тиҷоратӣ соҳибкор бошад (б.3 м.958).

**Аломати тиҷоратӣ** - ин номи ба қайд гирифташудаи ба ҳама маълум аст, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад. Аломати тиҷоратӣ чунин номи соҳибкориеаст, ки бо номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ ё номи соҳибкори

инфиродии ин соҳибкориро амаликунанда мувофиқ намояд. **Шартномаи консессияи тиҷоратӣ мумкин аст бо мӯҳлати муайян ё бе мӯҳлати муайян баста шавад(б.1 м. 968 КГ). Мӯҳлати муайян дар шартнома бояд ба тарзҳое, ки дар м.215 КГ пешбинӣ шудаанд муқаррар карда мешаванд. Агар мӯҳлат дар шартнома нишон дода нашуда бошад шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳамчун бемӯҳлат басташуда эътироф мешавад. Шакли шартномаи консессияи тиҷоратӣ бо м. 959 КГ муайян карда мешавад. Шартнома бояд дар шакли оддии хаттӣ баста шавад, ки риоя накрдани он боиси беэътибор донистани он мегардад. Шартномаи консессияи тиҷоратӣ аз ҷониби мақомоти давлатие, ки бақайдгири шахсии ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродии дар шартнома ба сифати дорандаи ҳуқуқ баромадкунандаро анҷом медиҳад амали карда мешавад. Шартҳаи муҳимӣ шартномаи консессияи тиҷоратӣ предмет ва нарх мебошанд.Хусусияти предмети шартномаи консессияи тиҷоратӣ аз он иборат аст, ки вай маҷмӯи ҳуқуқҳои мустасно мебошад, ки барои дар соҳаи муайяни фаъолияти соҳибкорӣ зарур мебошанд.**

## ҶС.2 МАЗМУНИ ШАРТНОМАИ КОНСЕССИЯИ ТИҶОРАТӢ.

**Мазмуни шартномаи тиҷоратиро ҳуқуқу ӯҳдадориҳои он ташкил медиҳад.Ӯҳдадории аввалин ва асоси дорандаи ҳуқуқ аз он иборат аст, ки ба истифодабаранда додани ҳама маҷмӯи ҳуқуқҳои мустасноро аз рӯи шартнома таъин намояд (б.1 м.969 КГ). Ин ӯҳдадорӣ дар қонун ба қадри кофӣ муфассал баён карда шудааст.Вай аз ду қисм иборат мебошад:**

**Пеш аз ҳама** дорандаи ҳуқуқ ӯҳдадор аст, ки ба истифодабаранда ҳуҷҷатҳои техникию тиҷоратӣ (нақшаҳо, ҳисоботҳо ва ғ) ва ба истифодабарандаю кормандони он оид ба масъалаҳои татбиқи ҳуҷҷатҳое, ки бо шартномаи консессияи тиҷоратӣ дода шуда аст диҳад диҳад инчунин ба истифодабарнда дигар иттилооти заруририро ҷиҳати анҷом додани ин ҳуқуқҳо пешкаш намояд. Моҳиятан ӯҳдадори иттилооти мебошад ва талаб менамояд, ки дорандаи ҳуқуқ истифодабарандаро ба ҳама гуна иттиолооте таъмин намояд, ки барои амал намудани ҳуқуқҳои ба шартномаи консессияи тиҷоратӣ додашуда, зарур мебошад.

Номгӯи маълумотҳое, ки ошкор шуданашонро талаб кардан мумкин мебошад озоданд. Барои раҳои ёфтан аз талаботҳои беасос оиди ошкор намудани иттилоот, истифодабарандаро лозим аст, ки дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ нишон диҳад, ки маҳз кадом иттилоот дастрас шавад.

Бо вуҷуди он додани иттилоот танҳо ба давраи якуми иҷрои шартнома, ки дар он истифодабаранда ба амали намудани ҳуқуқҳои ба вай додашуда сар мекунад дахл доранд. Дар оянда ин ӯҳдадорӣ ҳамон вақт эътибор пайдо мекунад, ки агар он дар шартнома мустақиман пешбини шуда бошад.

Ғайр аз додани иттилоот, дорандаи ҳуқуқ ӯҳдадор аст, ки ба истифодабаранда иҷозатномаи дар шартнома пешбинишударо дода ба тартиби муқарраршуда ба расмият даровардани онҳоро таъмин намояд. Дар ҳолати мазкур сухан дар бораи иҷозатномае меравад, ки додани онҳо нисбати аломати моли (аломати

хизматрасонӣ) ва объектҳои ҳуқуқи патентӣ пешбинӣ шудааст. Додани ҳуқуқ ба онҳо мувофиқи қонун бояд алоҳида аз сабти худи шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба қайд гирифта шавад (сарсатри 4 б. 2 м. 959 КГ).

**Дуюм** дорандаи ҳуқуқ ӯҳдадор аст, бақайдгирии шартонмаи консессияи тиҷоратиро таъмин намояд (б.2 м. 959 КГ).

Ин ӯҳдадори чун ҳамаи ӯҳдадориҳои минбаъда диспотизивӣ мебошад. Дорандаи ҳуқуқ бояд мустақилона ҳарду ба қайдгириро гузаронад ҳам дар мақомоте, ки шахси ҳуқуқиро ба қайд мегирад ва ҳам дар идораи патент.

**Сеюм** вазифаи дорандаи ҳуқуқ ба истифодабаранда ба таври доимӣ мусоидати техникӣ ва машваратӣ намудан аз ҷумла дар таълим ва такмили тахассусии кормандон мебошад. Ба зиммаи дорандаи ҳуқуқ гузоштани ин ӯҳдадорӣ махсусан дар доираи шартномаи дарозмудат бомаврид мебошад. Чунки объекти ҳуқуқҳое, ки аз рӯи шартномаи консессияи тиҷоратӣ дода мешаванд чун қоида бе танафус мукаммал мешаванд. Бинобар ин истифодабаранда ба гирифтани иттилооти наве, ки мавқеи вайро дар бозор беҳтар менамоянд беғаразона ҳавасманд мебошад. Дар навбати худ дорандаи ҳуқуқ бошад барои расонидани ёрии иттилооти метавонад подошпулӣ ҷудогона гирад.

## ҶС.3 ҶАВОБГАРӢ АЗ РӮИ ШАРТНОМАИ КОНСЕССИЯИ ТИҶОРАТӢ:

**Ҷавобгарии тарафҳои шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳамчун соҳибкорон дар назди якдигар новобаста аз гуноҳ маҳз аз рӯи қоидаи ҷавобгарӣ аз рӯи ӯҳдадориҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти соҳибкоркорӣ фаро мерасад** (б.3 м. 432 КГ). Аммо бо шартномаи консессияи тиҷоратӣ мумкин аст, ки маҳдудсозии ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шавад. Аммо консессия дар назар дорад, ки ҳуқуқҳои мустасноии додашаванда чун қоида бо мақсади васеъ намудани фурӯши молҳо (кор, хизматрасониҳо), ки аз ҷониби истифодашаванда истеҳсол мешавад иҷро карда мешавад, хизмат расонида мешавад набояд аз дорандаи ҳуқуқ паст бошад. Дорандаи ҳуқуқ дар навбати худ ӯҳдадор аст, ки сифати молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)-ро назорат кунад агар бо шартномаи консессияи тиҷоратӣ дигар чиз пешбини нашуда бошад. Дар ин маврид муқаррар намудани ҷавобгарии махсуси дорандаи ҳуқуқ дар назди шахсони сеюм барои сифати номатлуби мол (кор, хизматрасонӣ) дорои мантиқ аст. Чунин ҷавобгарӣ ҳам иловагӣ ва ҳам муштарак шуда метавонад.Дорандаи ҳуқуқ вобаста ба талаботи нисбат ба истифодабаранда пешниҳод шуда дар мавриди номутобиқатии сифати мол (кор хизмат), ки аз ҷониби истифодабаранда тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ фурӯхта мешавад (иҷро карда мешавад, хизмат расонида) ҷавобгарии иловагӣ (субсидиарӣ) дорад (қ.1 м.965 КГ). Оид ба талаботе, ки ба истифодабаранда ҳамчун ба тайёркунандаи маҳсулот (мол)-и дорандаи ҳуқуқ (пешниҳод мегардад, дорандаи ҳуқуқ ба истифодабаранда муштарак ҷавобгар мебошад (қ. 2м. 965 КГ). Асосҳои ҷавобгарии дорандаи ҳуқуқ ((аз ҷумла қоидаҳо ҷавобгарии бегуноҳ оиди муҳлатҳои кафолатшуда ва ғайра) низ ба монанди истифодабаранда пастар бошад. Дорандаи ҳуқуқ новобаста аз он, ки оё молҳо

ба истеъмолкунандагон ё дигар иштирокчиёни муомилоти гражданӣ фурӯхта мешаванд ё не ҷавобгар аст. Ҷавобгарии дорандаи ҳуқуқ фақат ҳангоми номутобиқатии сифат ба миён меояд.

## ҚАТЪИ ШАРТНОМАИ КОНСЕССИЯИ ТИҶОРАТӢ.

Шартномаи консессияи тиҷоратӣ дар давоми муҳлате, ки вобаста шудааст амал мекунад. Агар шартнома шартнома бе мӯҳлат баста шуда бошад то ба тартиби муқарраркардаи қонун қатъ карда мешавад. Дар давраи амалӣ шартнома вай метавонад тағйир дода шавад ё пеш аз мӯҳлат қатъ карда шавад. Тағйир додани шартномаи консессияи тиҷоратӣ тибқи қоидаҳои пешбининамудаи б.28 КГ иҷро карда мешавад.Шартнома дар ин ҳолатҳо қатъ карда мешавад;

а) яктарафа рад намудани шартнома, ки бидуни зикри мӯҳлат баста шудааст (б.1 м. 968 КГ). Ҳар яке аз тарафҳои чунин шартнома ҳуқӯқ доранд дар ҳар як лаҳза бо огоҳонидани тарафи дигар дар мӯҳлати то шаш –моҳ дар шартномаи мӯҳлати пешбинӣ нашуда бошад, шартномаро рад намояд.

б) яктарафа рад намудани шартнома аз тарафи истифодабаранда дар ҳолати тағйир ёфтани номи фирмавӣ ё аломати тиҷоратии дорандаи ҳуқуқ (б.2 м. 968-970 КГ)

в) қатъи ҳуқуқи ба дорандаи ҳуқуқ тааллуқдошта ба номи фирмавӣ ва нишони тиҷоратӣ бидуни ивази онҳо ба ҳуқуқҳои нави мушабеҳ (б.3 м. 968 КГ).

г) фавти дорандаи ҳуқӯқ агар ворис дар муддати шаш моҳ аз рӯзи оғози мерос ба сифати соҳибкорӣ инфиродӣ ба қайд гириифта нашавад.(б.2 м. 969 КГ). Азбаски натанҳо дорандаи ҳуқуқ, балки истифодабаранда низ бояд татбиқ карда шавад.

д) муфлис эълон гардидани дорандаи ҳуқуқ ё истифодабаранда бо тартибе, ки қонунгузорӣ ҷорӣ муқаррар карда аст (б.4 м.968 КГ).

е) дар дигар ҳолатҳо дар боббӣ 25 КГ пешбинӣ шудаанд, масалан ҳангоми аз навташкилдиҳӣ ё бахшидани шахс.

Азбаски тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ маҷмӯи ҳуқуқҳои мустасно дода мешавад дар давраи амали шартнома қисме аз онҳо метавонад аз як дорандаи ҳуқуқ ба дигаре гузарад, тағйир ёбад ё қатъ шавад. Ин ҳолатҳо ба таври гуногун бо тақдири шартнома таъсис мерасонад. Гузаштани ҳамаи маҷмӯи ҳуқуқҳои мустсно, ки тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ дода шудаанд, ё яке ё якчанд ҷӯзъиётҳо (элементҳо) аз таркиби ин маҷмӯъ барои тағйир ё бекор кардани шартнома асос шуда наметавонанд(б.1 м. 969 КГ). Дорандаи нави ҳуқуқ фақат тарафи шартномаи пештара дар он қисми ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки ба шахс ҳуқуқҳои мустасно ё якчанд ҳуқуқ гузоштааст. Агар сухан дар бораи тағйир додани мазмуни ҳуқуқҳои мустасно равад, ки тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ дода шудаанд , онгоҳ КГ танҳо ҳолати тағйир додани номи фирмавӣ ё нишонаи тиҷоратии дорандаи ҳуқукро тартиб меандозад(м.970 КГ) Ҳангоми чунин тағйирёбӣ шартнома амалашро нисбати номи фирмавӣ ё нишони тиҷоратии нав давом медиҳад, агар фақат истифодабаранда, бекор кардани шартнома ва товон кардани зарарро талаб

накунад. Дар ҳолати давом ёфтани амали шартнома истифодабарандае, ки ба тағйир додани номи фирмавӣ ё нишони тиҷоратӣ розигии пешинаашро надодааст ҳуқуқ дорад мутаносиб кам кардани подпшпулии ба дорандаи ҳуқуқ таaллуқдоштаро талаб намояд. Чунин қоида мантиқан дуруст аст вобаста аз он, ки номи фирмавии (нишони тиҷоратӣ) пештара нисбат ба наваш хеле васеъ маълум истифодаи он даромади зиёдеро ваъда медиҳад. Аммо агар дорандаи ҳуқуқ пеш аз тағйир додани номи фирмавӣ ё нишони тиҷоратӣ розигиро оиди беэътибор нигоҳ доштани шартнома аз тарафи истифодабаранда гирифта бошад, онгоҳ подошпулиро  надорад.Истифодабарандае, ки ӯҳдадориҳои худро ба таври дахлдор анҷом додаст. Бо гузашти мӯҳлати шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳуқуқ дорад тибқи ҳамон шарт ва мӯҳлат шартнома бандад(б.1 м. 966 КГ). Ин ҳуқуқ бо кафолатҳои хеле ҷиддӣ, ки дар б. 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст таъмин карда мешавад.Дорандаи ҳуқуқ метавонад бастани шартномаи консессияи тиҷоратиро ба мӯҳлати нав ба шарте, ки дар ҷараёни гузоштани гузаштани се сол аз рӯзи бастани ҳамин  шартнома он бо дигар шахс чунин шартномаҳои консессияи тиҷоратии шабеҳро ба имзо нарасонадва ба бастани чунин шартномаҳои субконсессияи тиҷоратӣ, ки амали онҳо дар минтақаҳои амали шартномаи қатъгардида ё дар ягон қисми ин минтақа паҳн мегардад розигӣ надиҳад рад намояд. Агар то гузаштани мӯҳлати сесола дорандаи ҳуқуқ хоҳиш дошта бошад, кия гон шахс ҳамон ҳубарои истифодабаранда вобаста ба шартномаи қатъшуда додашударо пешкаш намояд, ӯ ӯҳдадор аст ба истифодабаранда пешниҳод намояд, ки шартномаи нав бандад.(б. 2 м. 966 КГ). Ҳамин тавр дорандаи ҳуқуқ ӯҳдадор ст, ки шартнома консессияи тиҷоратиро ба мӯҳлати нав на дар ҳамаи ҳолатҳо бандад.Агар вай хоҳиши доштани истифодабарандагонро ба шартҳои монанд дошта бошад барои вай ягон хел оқибатҳои  номусоид ба амал намеояд. Иҷрои номатлуби шартнома аз тарафи истифодабаранда низба дорандаи ҳуқуқ имконият медиҳад, к ибо вайя гон хел шартнома набандад. Агар вай майли доштани истифодабарандагонро бо шартҳои монанд дошта бошад онгоҳ дар давоми се сол ӯҳдадор аст, ки ба истифодабарандаи пешина бастани шартномаро бо шартҳои на вазнинтар аз пешина пешкаш намояд ва ё зиёнро ҷуброн намояд. Умуман иштирокчиён ба созиши тарафайн метавонанддар шартнома мӯҳлати хеле дарози амали маҳдудиятҳои зикршударо низ муқаррар намоянд. Онро кӯтоҳ кардан мумкин нест.

**Муаллими кафедраи фанҳои**
**ҳуқуқӣ граждании Академияи ВКД**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Лейтенанти калони  милитсия              Давлатзода Ҳ.М.,**